# ҚАРОРИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-030 назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Амонов Салохудин

05 декабри соли 2025 №117 ш. Душанбе

Таҳқиқоти диссертатсионии Амонов Салохудин дар мавзуи «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.05 -Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст; баромади **муқарризони расмӣ:** Давлатзода Ҷамила - доктори илмҳои педагогӣ, директори Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии ноҳияи Шаҳринав" ва Шарифов Муҳсин Ғаффорович, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода; **муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва баромади аъзои шурои диссертатсионӣ: Туронов С.Ш., Гулмадов Ф., Раҳимзода Х., Негматов С.Э., Махкамов Д.-ро шунида ва муҳокима намуда, дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи қабулнамудаи шуро оид ба диссертатсияи унвонҷӯ дар бораи мубрамият, навгонӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин аз рӯйи натиҷаи мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ шурои диссертатсионии 6D.КОА-030

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Амонов Салохудин дар мавзуи «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи их тисоси 6D012300 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ (13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)) пешниҳод шудааст, ҷавобгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (банди дахлдори Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ) мебошад.
2. Мақолаҳои интишоршуда ба дараҷаи кофӣ муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

3. Ба Амонов Салохудин дар дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад.

4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки ба Амонов Салохудин дипломи номзади илмҳои педагогиро диҳад.

Нафароне, ки тарафдори ин қарори Шурои диссертатсионӣ ҳастанд, хоҳишмандам овоз диҳанд.

Тарафдор – Ҳама.

Муқобил - Нест.

Бетараф - Нест.

Бо як овоз қабул шуд.

Раиси ҷаласаи Шурои
диссертатсионии 6D.КОА-030-и
назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иматзода Л.М.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионии 6D.КОА-030,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Котибова Ш.П.

05.12.2025

*Имзои Иматзода Л.М. ва Котибова Ш.П.-ро тасдиқ мекунам.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажуҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.